**Мирзоев Масъуд Кимсанович,** устоди донишгоҳи давлатии Фарғона, доктори фалсафа оид ба илмҳои филологӣ.
**Мандонова Фархунда Равшан қизи,** донишҷӯи курси чоруми бахши тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона

# ДИДАКТИКА ҲАМЧУН АСОСИ НАЗАРИЯВИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

https://zenodo.org/records/18762861

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур моҳияти дидактика ҳамчун асоси назариявии раванди таълим мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Нақши дидактика дар муайян намудани ҳадаф, мазмун, усул ва принсипҳои таълим баррасӣ гардида, аҳамияти он дар баланд бардоштани сифати таҳсил нишон дода мешавад. Ҳамчунин, масъалаи ташаккули дониш, маҳорат ва ҷаҳонбинии хонандагон дар заминаи қонунмандии дидактикӣ таҳлил шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти педагогӣ истифода шаванд.

**Калимаҳои калидӣ:** дидактика, раванди таълим, педагогика, принсипҳои таълим, сифати таҳсил.

# DIDAKTIKA — TA’LIM JARAYONINING NAZARIY ASOSI

**Annotatsiya:** Mazkur maqolada didaktikaning ta’lim jarayonining nazariy asosi sifatidagi mohiyati tahlil qilingan. Ta’limning maqsadi, mazmuni, usullari va tamoyillarini belgilashda didaktikaning o‘rni yoritilgan hamda uning ta’lim sifatini oshirishdagi ahamiyati ko‘rsatib berilgan. Shuningdek, didaktik qonuniyatlar asosida o‘quvchilarning bilim, ko‘nikma va dunyoqarashini shakllantirish masalalari tahlil etilgan. Tadqiqot natijalari nazariy va amaliy jihatdan muhim ahamiyat kasb etadi.

**Kalit so‘zlar:** didaktika, ta’lim jarayoni, pedagogika, ta’lim tamoyillari, ta’lim sifati.

# ДИДАКТИКА КАК ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ОСНОВА ПРОЦЕССА

**Аннотация:** В данной статье анализируется сущность дидактики как теоретической основы образовательного процесса. Рассматривается роль дидактики в определении целей, содержания, методов и принципов обучения, а также раскрывается её значение в повышении качества образования. Особое внимание уделяется формированию знаний, умений и мировоззрения обучающихся на основе дидактических закономерностей. Результаты исследования имеют теоретическую и практическую значимость и могут быть использованы в педагогической деятельности.

**Ключевые слова:** дидактика, образовательный процесс, педагогика, принципы обучения, качество образования

# DIDACTICS AS THE THEORETICAL FOUNDATION OF THE EDUCATIONAL PROCESS

**Annotation:**This article analyzes the essence of didactics as the theoretical foundation of the educational process. The role of didactics in defining the goals, content, methods, and principles of teaching is examined, and its importance in improving the quality of education is highlighted. Special attention is paid to the formation of students' knowledge, skills, and worldview based on didactic principles. The results of the study have theoretical and practical significance and can be applied in pedagogical practice.

**Keywords:** didactics, educational process, pedagogy, teaching principles, quality of education.

**Сарсухан**

Дар замони муосир, ки ҷомеа бо суръати баланд рушд намуда, низоми маориф пайваста такмил меёбад, масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар чунин шароит омӯзиши асосҳои назариявии раванди таълим ва роҳҳои самараноки ташкили он аҳамияти махсус касб мекунад. Яке аз соҳаҳои муҳимми илми педагогика, ки қонуният ва принсипҳои умумии таълимро меомӯзад, дидактика мебошад. Дидактика ҳамчун пояи назариявии таълим мазмун, шакл, усул ва воситаҳои омӯзишро муайян намуда, ба баланд гардидани самаранокии раванди таълим мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, дар ташаккули шахсияти комил ва ҷаҳонбинии маънавии инсон нақши адабиёти панду ахлоқӣ хеле бузург аст. Адабиёти ахлоқӣ, ки дар тӯли асрҳо дар фарҳанги мардуми Шарқ, аз ҷумла форсу тоҷик, ташаккул ёфтааст, арзишҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, адолат, поквиҷдонӣ ва эҳтироми меъёрҳои иҷтимоиро тарғиб менамояд. Осори панду ахлоқӣ на танҳо мероси фарҳангӣ, балки воситаи муҳими тарбиявӣ ва дидактикӣ буда, метавонад дар раванди таълим барои парвариши хислатҳои ҳамидаи инсон самаранок истифода шавад.

Аз ин рӯ, омӯзиши робитаи байни дидактика ва адабиёти ахлоқӣ, муайян намудани нақши асарҳои панду тарбиявӣ дар ташкили раванди таълим ва тарбияи насли наврас аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Мақсади ин мақола баррасии дидактика ҳамчун пояи назариявии таълим ва таҳлили нақши адабиёти панду ахлоқӣ дар ташаккули шахсияти маънавии инсон мебошад.

**Таҳлили методҳо ва адабиёт**

1. Методи таҳлили назариявӣ

Бо истифода аз ин метод мафҳуми дидактика, вазифа, принсипҳо ва моҳияти он ҳамчун пояи назариявии раванди таълим баррасӣ карда шуд. Ҳамчунин, назарияҳои таълим ва мавқеи адабиёти ахлоқӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии хонанда таҳлил гардид.

2. Методи таърихӣ-муқоисавӣ

Ин метод барои омӯзиши ташаккули адабиёти панду ахлоқӣ дар ду давра — пеш аз ислом ва баъди ислом — истифода шуд. Ба воситаи муқоиса нишон дода шуд, ки чӣ гуна арзишҳои ахлоқӣ дар давраҳои гуногун инкишоф ёфта, ба раванди тарбия таъсир расонидаанд.

3. Методи таҳлили матн

Осори адабӣ ва таълимӣ аз нигоҳи мазмун, ғояи тарбиявӣ ва аҳамияти дидактикӣ таҳлил гардиданд. Бо ин роҳ нақши асарҳои панду ахлоқӣ дар ташаккули ахлоқ, инсондӯстӣ ва ватандӯстӣ муайян карда шуд.

4. Методи умумисозӣ ва хулосабарорӣ

Дар асоси таҳлили маводи назариявӣ ва адабӣ хулосаҳои умумӣ бароварда шуданд, ки дидактика ва адабиёти ахлоқӣ ҳар ду воситаи муҳими ташаккули шахсияти комил ба шумор меравнд.

**Таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳо**

Дар таҳияи мақола аз осори классикӣ ва манбаъҳои илмӣ-педагогӣ истифода бурда шуд, ки онҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Осори ахлоқии пеш аз ислом

Ба ин гурӯҳ сарчашмаҳое дохил мешаванд, ки асосҳои ахлоқ, тарбия ва ҷаҳонбинии инсониро дар фарҳанги бостонӣ инъикос мекунанд:

Авасто – яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таълимӣ-ахлоқӣ, ки дар он покӣ, ростқавлӣ ва некандешӣ тарғиб мешавад.

«Андарзномаи Зардушт»

«Андарзномаи Озарбади Меҳроспандон»

«Андарзномаи Анӯшервон»

«Пандномаи Бузургмеҳр»

«Дарахти асурик»

Ин асарҳо нишон медиҳанд, ки анъанаи тарбияи ахлоқӣ дар фарҳанги Шарқ решаи қадимӣ дорад.

2. Осори ахлоқии баъди ислом (адабиёти классикии форсу тоҷик)

Ин гурӯҳ асоси адабиёти дидактикӣ ва тарбиявиро ташкил медиҳад:

Қобуснома – асари ахлоқӣ-таълимии Кайковус, ки масъалаҳои тарбияи инсон, одоби иҷтимоӣ ва муносибатҳои инсонро шарҳ медиҳад.

Гулистон – маҷмӯаи ҳикоятҳои ахлоқӣ, ки арзишҳои инсонӣ ва таҷрибаи зиндагиро меомӯзонад.

Бӯстон – асари манзуми тарбиявӣ, ки адолат, саховат, муҳаббат ва инсондӯстиро тарғиб мекунад.

Баҳористон – асари панду ахлоқии Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба тарбияи маънавӣ равона шудааст.

Ахлоқи Муҳсинӣ – асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки меъёрҳои ахлоқ ва одоби инсонро муфассал шарҳ медиҳад.

Ин осор на танҳо аҳамияти адабӣ, балки аҳамияти педагогӣ ва дидактикӣ дошта, ҳамчун воситаи муҳими тарбияи маънавии ҷомеа хизмат мекунанд.

3. Аҳамияти умумии адабиёти ахлоқӣ дар дидактика

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки:

адабиёти панду ахлоқӣ воситаи муҳими тарбияи маънавии насли наврас мебошад;

ин асарҳо мазмуни таълимро бо арзишҳои ахлоқӣ ғанӣ мегардонанд;

истифодаи онҳо дар раванди таълим ба ташаккули шахсияти комил мусоидат мекунад;

онҳо дар амал ҷавоб ба саволҳои асосии дидактика — чӣ омӯзонем ва бо кадом мақсад — медиҳанд.

**Таҳлили методҳо ва адабиёт**

Дар шароити рушди босуръати ҷомеа ва тағйирёбии талабот ба соҳаи маориф, масъалаи такмили раванди таълим аҳамияти хоса пайдо намудааст. Таълим ҳамчун равандест мураккаб, ки ташаккули дониш, маҳорат, малака ва ҷаҳонбинии шахсиятро таъмин менамояд. Дар ин замина дидактика ҳамчун бахши муҳими илми педагогика нақши калидӣ мебозад. Дидактика асосҳои назариявии таълимро муайян намуда, қонунмандӣ, принсип, усул, шакл ва воситаҳои омӯзишро таҳлил ва танзим мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши дидактика ҳамчун пояи назариявии раванди таълим яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ба ҳисоб меравад.

Истилоҳи «дидактика» аз калимаи юнонии “didaktikos” гирифта шуда, маънои «омӯзондан», «таълим додан»-ро ифода мекунад. Дидактика ҳамчун соҳаи илмӣ

қонуниятҳои умумии раванди таълимро меомӯзад ва роҳу усулҳои самараноки омӯзишро муайян менамояд. Моҳияти дидактика дар он зоҳир мегардад, ки он равобити байни омӯзгор ва хонанда, мазмуни таълим, усулҳои таълимдиҳӣ ва натиҷаҳои омӯзишро дар як низоми воҳид баррасӣ мекунад. Ба ибораи дигар, дидактика ҷавоб ба саволҳои асосии таълим — «чӣ омӯзонем?», «чӣ гуна омӯзонем?» ва «бо кадом натиҷа?» медиҳад.

Яке аз паҳлуҳои асосии адабиёт ин осори дидактики ба шумор меравад. Ба мо маълум аст, ки адабиёт аз калимаи «адаб» гирифта шуда, тарбияи хислатҳои ҳамидаро тарғиб мекунад, пас бояд гуфт, ки асарҳои дидактики асосан, аз тарғибу ташвиқи ахлоқу фазилатҳои неки инсони иборатанд. Ба вуҷуд омадани адабиёти ахлоқи на танҳо ба ташаккули тамаддуни миллӣ мусоидат намуд, балки барои тарбияи инсони комил нақши аввалиндараҷа доштани адабиётро дар амал собит кардааст. Ба ўар яки мо маълум аст, адабиёти ахлоқи қисмати асосии адабиёти мардуми Шарқ, махсусан, адабиёти халқҳои Осиёи Марказиро ташкил мекунад, ки ҳадафи асосии он дар асрҳои миёна тар- бия кардани инсони баркамол буд. Ба воситаи адабиёт насли наврасро тарбия намуда, барои дар оянда ба ҷомеа сидқидилона хизмат кардани онҳо дар сиришташон эҳсоси ватандӯстӣ, инсонпарвари бедор кардан ҳадафи асосии ба шумор меравад. Тарғиби хислатҳои ҳамида, шинохтани ҳадди хеш, риоя ба меъёрҳои ахлоқии ҷомеа, пешгирии хурофот ва таассуб асосҳои адабиёти ахлоқиро ташкил мекунанд.

Адабиётҳои панду ахлоқӣ асосан, ду давраи калонро дар бар мегирад: а)адабиёти ахлоқии пеш аз ислом;
б)адабиёти ахлоқии баъди ислом;

Маводҳои адабиёти ин ду давра сарчашма ва манбаъҳои асосии худро доранд, ки бо таъсири дин, мазҳаб, арзишҳову анъанаҳои милливу умумбашарӣ арзи вуҷуд карда, ба қисмати адабиёти ахлоқии пеш аз ислом бахшҳои таълимии «Авасто», андарзҳо мисли «Андарзномаи Зардушт», «Андарзномаи Озарбади Меҳроспандон», «Андарзномаи Анӯшервон», «Пандномаи Бузургмеҳр», манзумаи «Дарахти асурик» ва ғайра шомиланд. Қисмати адабиёти дидактикии хаттии баъди исломи аз осори пандуахлоқии Одамушшуаро Рӯдакӣ оғоз мешавад. Дар адабиёти классикии тоҷик ин ҷараёни адабӣ хеле пеш рафта, вобаста ба ин мавзӯъ ҳам ба таври омехта бо мавзӯъҳои дигар, ҳам дар шакли алоҳида асарҳои қиматбаҳо офарида шудаанд.

Дар адабиёти форсу-тоҷик аз Рудакӣ сар карда то Лоиқ шоире нест, ки дар бобати ахлоқ чизе нагуфта бошад, аммо ба сифати шоҳкорҳои адабиёти ахлоқи «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абду- раҳмони Ҷомӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро номбар кардан мумкин аст, ки махсус ба тарғибу ташвиқи ахлоқи ҳамида нигаронида шудааст.

Меъёрҳои ахлоқ дар байни мардуми Шарқ, махсусан, халқи кишвари мо риоя гардида, дар ҳар як асари таълими тарбияи солим дар ҷойи аввал гузошта мешавад. Чунонки Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд:

Адаб сармояи нодону доност,
Хуш он, к-ӯ аз адаб худро биёрост.
Надорам он мусулмонзодаро дӯст,
Ки дар дониш фузуду аз адаб кост. [1.3].

Дар дубайтии боло низ дониши беадаб танқид карда мешавад, ҳар кас, ки дониш дорад, бояд ба қоидаҳои одобу ахлоқ низ риоя карданаш лозим аст. Яъне ҳар мардуме, ки имрӯз зиндагони карда истодааст, на бо дигар чизҳои дунявӣ баҳо дода мешаванд, балки бо одобу ахлоқи ҳамида ва рафтору кирдори нек ҳамчун инсони комил шинохт.

Яъне таълиму тарбия аз ҳамдигар чудо нест ва ҳама вақт яку якҷо буда дар инсони комил ин ду ҷуз бояд бод. Ҳар як шахс бо ин ду гавҳар худро орост гуфтани шоир низ аз ҳамин аст.

Адабиёти дидактикӣ ягона воситаест, ки насли наврасро аз ҳар гуна тундравӣ, аз ҳар гуна «маданияти оммавӣ» муҳофизат мекунад. Як шахси аз тарбия бебаҳра, ки аз ҷониби наздиконаш беэътибор мондааст ба бисёр касон таъсири манфӣ мерасонад. Барои ахлоқан вайроншавии садҳо наврасону ҷавонон замина мегузорад. Мо бояд бо ин раҳо надоданамон лозим аст. Агар аз забони шоир гӯем:

Беадаб танҳо на худро дошт бад,

Балки оташ бар ҳама офоқ зад. [2.3].

Барои аз ҳар гуна таҳдидҳои бегона ҳимоя кардани ҷомеа бо адабиёт чунин як силоҳи пурқувват мубориза бур-дан ҷиҳатҳои матлуб дар пай хоҳад дошт. Тарзи зисту зин- дагонии нобиғагони гузаштаи фарҳангро омӯхтан, тарғиб кардан низ худ як мактаби ахлоқу одоб аст.

Тағйироту дигаргуниҳои босуръати замон тақозо мекунад, ки холигиҳои маънавӣ пур карда шавад, то ки насли ҷавон ба ҳар гуна ақидаи маънавиятситез нагаравад. Холигиҳои маънавиро фақат ба воситаи маънавияти воло, яъне, мероси маънавии миллии гузаштагони худ метавон рафъ намуд, чунки аз осори онҳо на танҳо донишу ҷаҳонбинии чукур гирифтан мумкин аст, балки тарбияи саҳеҳ ва одоби муносибат ва муошират бо атрофиёнро аз худ намудан низ имконпазир мегардад.

Моҳияти адаб нигоҳ доштани ҳадду андоза дар корҳо мебошад. Яъне, ҳар як чиз ба мизони инсони баркашида шуда, пас бояд мавриди истифода қарор гирад.

Таҳлили мавзӯъҳои одобу ахлоқ дар адабиёти мумтоз асосан, бо ду роҳ сурат гирифтаанд: якум, дар шакли як- лухт, ки тамоми асар ба масъалаи одобу ахлоқ бахшида шудааст, дуюм, ба таври интихоби дар дохили асарҳои таълими мавзӯъҳои ахлоқӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Лирикаи ахлоқии намояндагони адабиёти миллӣ аз муҳимтарин сарчашмаҳои тарбияи солим ба шу- мор меояд. Зеро дар ин гуна асарҳо мағзи сухани муал- лиф дар сурати байту қитъа ва дигар порчаҳои шеърӣ ифо- да меёбад. Адабиёти ахлоқӣ дар ҳама давру замон тариву тозагияшро аз даст намедиҳад, вобаста ба шароити ичти- моии ҳар як қишри ҷомеа обуранги нав мегирад. Омили аслияш ин ки бо тарбияи хулқу атвор, дилу рӯҳи инсон сарукор дорад. Ба ин хотир, адабиётро барҳақ, фанни ин- соншиносӣ гуфтан мумкин аст. Материали асосӣ дар он рафтору гуфтор ва кирдору пиндори инсон аст. Моҳияти калимаи адабиёт дар адабиёти ахлоқӣ инъикос шудааст ва, бидуни шубҳа, ҳеҷ соҳае дар зиндагӣ мисли адабиёт хислатҳо, одатҳо ва рӯҳияи инсонро аз озмоиш намегу- заронад.

Дар адабиёти ахлоқи мавзӯъҳое мисли дӯсти, ростгӯй, раҳмдили, сабру таҳаммул, одоби салом, одоби рохрави, одоби таомхӯрӣ, хушмуомилагӣ, покдоманӣ, шукргузори зиёд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Масалан, мавзӯи рости ва ростгӯӣ хеле бисёр тарғиб шудааст. Аз ҷумла, Лоиқ мегӯяд:

Модарам мегуфт доим вақти хоб,

Хоб кун албатта, бо паҳлуи рост.

Он ҳама коре, ки ният мекуни,

Сар бикун бо қувваи бозуи рост... [7. 50].

Аз ин нуктаҳо чунин бармеояд, ки инсон на танҳо ҳангоми фаъолияти рӯзона, балки вақти хоб низ бояд ба ҷониби рост хоб кунад. То ки дар хоб низ ба рости одат намояд. Аз гузашта маълум аст, ки пиронсолон ҳар як корро аз дасти рост оғоз кард, ба хона даромадан вақт аввал пойи ростро монд ва амсоли инҳо низ далели мисраҳои боло хоҳад шуд.

Дар шароити имрӯза таҳти шиори зерин масоили таълиму тарбияро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ менамояд, ки аз ҳар ҷиҳат инъикосгари дархостҳои маънавии мардуми мост:

Адаб тоҷест аз нури Илоҳи,
Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.[6. 3 ].

**Хулоса:**

Дидактика ҳамчун бахши марказии илми педагогика, асоси назариявии раванди таълимро ташкил медиҳад ва қонуниятҳо, принсипҳо, мазмун, усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълимро ҳамаҷониба меомӯзад. Маҳз дидактика равандҳои омӯзиш ва омӯзониданро дар якҷоягӣ таҳлил намуда, робитаи мутақобилаи байни омӯзгор ва хонандаро ҳамчун омили асосии ноил шудан ба натиҷаҳои таълимӣ муайян месозад. Он ба равиши таълим моҳияти илмӣ бахшида, таълимро аз фаъолияти худсарона ба низоми мақсаднок, банақшагирифта ва самаранок табдил медиҳад.

Дар замони муосир аҳамияти дидактика боз ҳам меафзояд, зеро талаботи ҷомеа ба сатҳи дониш, тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти мустақилонаи хонандагон рӯ ба рушд аст. Дидактика на танҳо интиқоли донишҳои назариявиро ҳадаф қарор медиҳад, балки ба ташаккули малака, қобилият, ҷаҳонбинӣ ва сифатҳои ахлоқии шахсият низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Аз ин ҷиҳат, он робитаи зичи таълим ва тарбияро таъмин намуда, раванди таълимро ҳамчун як низоми воҳид баррасӣ мекунад.

Ҳамзамон, дидактика бо муайян намудани принсипҳои асосии таълим, аз қабили илмият, дастрасӣ, пайдарҳамӣ, шуурнокӣ ва фаъолият, пайвастагии назария бо амалия, барои ташкили дурусти раванди дарс заминаи устувор фароҳам меорад. Татбиқи дурусти ин принсипҳо имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо донишро азхуд кунанд, балки тавонанд онро дар фаъолияти амалӣ ва ҳаёти ҳаррӯза истифода баранд. Аз нуқтаи назари амалӣ, дидактика ба омӯзгор ҳамчун дастури илмӣ хизмат карда, ба ӯ имконият медиҳад, ки усул ва шаклҳои мувофиқи таълимро вобаста ба синну сол, сатҳи омодагӣ ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон интихоб намояд. Ин боис мегардад, ки сифати таълим баланд шуда, раванди омӯзиш самаранок ва натиҷабахш гардад. Ғайр аз ин, дидактика истифодаи воситаҳои муосири таълим, технологияҳои педагогӣ ва усулҳои интерактивиро асоснок намуда, ба навсозии мазмуни таълим мусоидат мекунад.

Дар ҷамъбаст метавон гуфт, ки дидактика ҳамчун асоси назарияи раванди таълим на танҳо дониши назариявӣ, балки заминаи амалии ташкили таълими босифат ба шумор меравад. Он барои тарбияи шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, дорои ҷаҳонбинии васеъ, тафаккури мустақил ва масъулияти иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам оварда, дар рушди соҳаи маориф ва пешрафти ҷомеа нақши муҳим мебозад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Абдуллаев А. Масъалаҳои дидактикаи муосир.-Душанбе, 2018
2. Абдуҷабборзода С, А. Қурбон .Беадаб танҳо на худро дошт бад... Ҷумҳурият.-01.12.2021
3. Сайфуллаев Шакарбой. Ободӣ аз ботин шурӯъ мешавад. Овози тоҷик.02.06.2021
4. Фарходзода А.,Саидов М. Асосҳои педагогика.-Душанбе, 2025.
5. Ҷумъаи Ҳамроҳ,Сироҷиддини Эмомалӣ. Назарияи адабиёт.-2020
6. Ҷалолиддин Нурзода.Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ. Китобхонаи миллии Тоҷикистон. 31.03.2020

7. Шералӣ Лоиқ. Насиҳати модар. Дасти дуои модар.Душанбе-1991.Адиб

**Исаева Зера Таировна,** преподаватель,
Ферганский государственный университет

# ИНТЕРНЕТ – СИМВОЛ ЭПОХИ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА И РАЗВИТИЯ МИРОВОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

**Аннотация:** Интернет является ключевым символом информационного общества, отражающим трансформации в коммуникации, науке, культуре и экономике. Глобальная сеть обеспечивает обмен знаниями, расширяет доступ к образованию и формирует новые модели социального взаимодействия, способствуя развитию цифровой экономики. Одновременно распространение Интернета сопровождается вызовами информационной безопасности, цифрового неравенства и необходимостью развития медиаграмотности, что определяет его значение для будущего общества.

**Ключевые слова и выражения:** интернет, информационное общество, цифровая трансформация, глобализация, коммуникация, цифровая экономика, знания, медиаграмотность, информационная безопасность, мировая цивилизация, интеграция мировых информационных потоков.

# INTERNET – AXBOROT JAMIYATI DAVRI VA JAHON SIVILIZATSIYASI RIVOJINING RAMZI

**Annotatsiya:** Internet axborot jamiyatining asosiy ramzi bo‘lib, kommunikatsiya, fan, madaniyat va iqtisodiyotdagi transformatsiyalarni aks ettiradi. Global tarmoq bilimlar almashinuvini ta’minlaydi, ta’limga kirishni kengaytiradi hamda ijtimoiy o‘zaro ta’sirning yangi modellarini shakllantirib, raqamli iqtisodiyot rivojiga xizmat qiladi. Shu bilan birga, Internetning keng tarqalishi axborot xavfsizligi, raqamli tengsizlik va mediakompetensiyani rivojlantirish zarurati bilan bog‘liq muammolarni yuzaga keltiradi, bu esa uning kelajak jamiyati uchun ahamiyatini belgilaydi.

**Kalit so‘zlar va iboralar:** internet, axborot jamiyati, raqamli transformatsiya, globallashuv, kommunikatsiya, raqamli iqtisodiyot, bilimlar, mediakompetensiya, axborot xavfsizligi, jahon sivilizatsiyasi, jahon axborot oqimlari integratsiyasi.

# THE INTERNET – A SYMBOL OF THE INFORMATION SOCIETY ERA AND THE DEVELOPMENT OF WORLD CIVILIZATION

**Abstract:** The Internet is a key symbol of the information society, reflecting transformations in communication, science, culture, and the economy. The global network ensures the exchange of knowledge, expands access to education, and shapes new models of social interaction, thereby contributing to the development of the digital economy. At the